# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ Муллоҷонов А.К. ба рисолаи номзадии Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ).**

Дар марҳилаи охири мавҷудияти ИҶШС дар соҳаҳои саноат, хоҷагии қишлоқ, илм ва фарҳанги Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон пешравиҳои назаррас ба амал омад, ки дар натиҷа вазъи иҷтимоиву иқтисодии кишвар беҳтар гардид. Ин марҳила дар таърихи халқи тоҷик бо он тасниф карда мешавад, ки дар тамоми соҳаҳои хоҷагидорӣ ва ҳаёти фарҳангӣ, болоравӣ ва некуаҳволии халқ дида мешавад.

Аз нимаи дуюми солҳои 70-уми асри XX сар карда, сатҳи рушди иқтисодиёт дар ИҶШС паст мешуд. Ислоҳот дар нимаи дуюми солҳои 60-ум ягон натиҷаи дилхоҳ надод. Дар ҳамаи ҷумҳуриҳо объектҳои ҳам сохтмони саноатӣ ва ҳам сохмони истиқоматӣ, ки дар вақташ иҷро нашуда буд, ҷамъ мешуданд. Сохтмонҳо “дурудароз” давом мекарданд. Аз ҳама муҳим нисбат ба мамлакатҳои хориҷӣ дар ҳама самт қафомонии технологияи нав ба назар мерасид. Ҳосилнокии меҳнат паст буда, дар тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёт коргарон ва хизматчиён аз ҷиҳати моддӣ ҳавасманд набуданд.

Дар шароити имрӯза масъалаи асосӣ, ки диққати аксарияти таърихнигоронро ба худ ҷалб намудааст, дар он зоҳир мегардад, ки вазъияти иқтисодӣ-иҷтимоии ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 80-90-уми асри XX, дар арафаи ба даст овардани соҳибистиқлолӣ дар кадом вазъият қарор дошт. Нисбати ин масъала, албатта, мавқеи ягонаи

мутахассисон вуҷуд надорад, зеро ақидаҳои гуногун нисбати ин масъала пешниҳод гардида, имрӯз низ баҳсу мунозираҳо нисбати он дар доираҳои илмӣ ва умуман, дар афкори ҷамъиятӣ идома доранд.

Ба хотири нишон додани равандҳои тағйирпазирии ҷомеаи Тоҷикистони шӯравӣ, заминаҳои истиқлолияти давлатӣ, ногузирии дигаргуншавии ҳаёти сиёсӣ ва ташаккули иқтисодиёти миллӣ анҷом додани таҳқиқоти муфассали илмӣ зарур аст.

Пажӯҳиши мавзуи мазкур метавонад бархе аз паҳлуҳои норавшани ҳаводиси иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии начандон дури таърихи Тоҷикистонро дар охири асри XX ошкор намояд.

Мавзуи мазкур аз тарафи довталаб Тиллозода А.А., тӯли 7 соли охир мавриди омӯзиш қарор дошт. Дар ин муддат унвонҷӯ аз маводи бойгонӣ, санаду ҳуҷҷатҳои расмӣ, асару мақолаҳои илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ҳисоботҳои ташкилоту муассисаҳо, мақолаҳои публисистӣ ва сомонаҳои расмии вазорату кумитаҳои ҷумҳурӣ истифода намуда, талош намудааст ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистонро дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI ба риштаи таҳқиқ кашида, аҳаммияти онҳоро дар таърихнигории халқи тоҷик мушаххас созад.

Дисертатсия аз ду боб ва шаш зербоб иборат буда, сохтори он бо низоми мантиқӣ матраҳ гардида, муаллиф бо риояи чаҳорчӯби замон, ҳадафҳои муайяншударо баррасӣ намуда, вазифаҳои зерини дар наздаш гузоштаро дар ҷараёни таҳқиқ ҳаллу фасл менамояд:

- аз ҷумла, муайян ва баррасии ҳаёти сиёсии ҶШС Тоҷикистон дар солҳои бозсозии шуравӣ, нақши он дар бедории миллии тоҷикон ва паёмадҳои он дар ҳаёти мардуми кишвар;

- муайян намудан тағйирот дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ ва сабабҳои пастравии некуаҳволии халқ;

- омӯзиши вазъи иқтисодии мардуми Тоҷикистон дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ва пойдор сохтани сулҳ дар солҳои 1991-2000;

- баррасии ҳаёти иҷтимоии мардум дар шароити буҳрони шадиди сиёсиву иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ ва сабабҳову натиҷаҳои он;

- омӯзиши татбиқи стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастовардҳо дар соҳаи иқтисодӣ;

- омӯзиши сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат дар таъмини некуаҳволӣ ва бехатарии озуқаворӣ дар Тоҷикистон ва ғайра.

Дар таҳқиқот тамоми марҳилаи соҳибистиқлолӣ дар самти рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ба таври объективӣ, бо назардошти омилҳо, падидаҳо ва равандҳои мусбату манфӣ бо ҷанбаҳои махсуси рушди таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасниф карда шудааст.

Муаллифи диссертатсия, ки дар таҳлил ва баррасии масоили сиёсӣ ва коҳиш ёфтани иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар замони бозсозӣ, вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, инчунин таҳқиқи ҳаёти иҷтимоӣ, стратегияҳои давлатӣ ва сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурӣ оид ба некуаҳволии мардум ифода меёбад, муваффақ шудааст. Натиҷаҳои илмӣ, таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия ва баррасӣ шудаанд.

Аз хулосаҳои илмии бадастовардаи муаллифи рисола, ки аз таҳлили 14 нукот маълум мегардад, унвонҷӯй ҳадаф ва вазоифи дар наздаш гузоштаро муваффақона анҷом дода, бо назардошти қобили қабул будан хулосаҳои мушаххас барои ҳалли масъалаҳои ҷойдоштаи иҷтимоиву иқтисодӣ ва рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ пешниҳод гардидааст, ба офаридани як диссертатсия воҳид комёб шудааст.

Диссертатсия нахустин маҷмуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки ба омӯзиши ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар

шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI бахшида шудааст.

Хусусияти хоси кор дар он аст, ки аксари мавод аз Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бойгониҳо ҷамъоварӣ шуда, дар баробари он ҳуҷҷату санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба мавзуи таҳқиқотӣ, ки асосан маълумотҳои рақамиро дар бар мегиранд, бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Муқаррароти ба дифоъ пешниҳодшуда аз мазмуни кор бармеояд ва асоси илмиву мантиқӣ дорад. Рисолаи илмии Тиллозода А.А. «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI» дорои аҳаммияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф метавонанд дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаррихон диққати муайян кардани равияҳо, усулҳо ва услубҳои тадқиқоти хеш, ки ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ бахшида шудаанд, кӯмаки воқеӣ расонанд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои офаридани таҳқиқоти нав дар омӯзиши таърихи ватанӣ, курсҳои лексионӣ ва махсус аз фанни “Таърихи халқи тоҷик” ва “Таърихи фарҳанги Тоҷикистон” дар макотиби олии ҷумҳурӣ истифода шаванд.

Мусалламан то кунун дар доираҳои илмӣ ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI таҳлил нашудаанд ва бешак ин рисола метавонад он матолиберо ба илми таърих матраҳ созад, ки аз лиҳози навгӯӣ, тадвини масоили илмӣ ва мизони кори таҳқиқотӣ арзиши илмӣ доранд. Бинобар ин метавон гуфт, ки рисолаи диссертатсионии Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзӯи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар

шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI» кори таҳқиқотии анҷомёфта буда, натиҷагириҳои унвонҷӯй баёнгари муқарраротн асосии пешниҳодшуда барои дифоъ мебошад.

Аз ин рӯ, чун роҳбари илмӣ метавонам хулоса кунам, ки рисола аз рӯи сохтор, мазмун ва баёни матолиби таҳқиқӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) мебошад.

Роҳбари илмӣ,
номзади илмҳои таърих,
сардори раёсати таълими Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Муллоҷонов А.К.

24 майи 2024

Нишонӣ: 734067 Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кучаи Нахимова 64/14
Тел: (+992-37) 2-31-02-01
E –mail: vestnik@tgfeu.tj

Имзои Муллоҷонов А.К.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.

03.04.2024

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ